**ЎЗБЕКИСТОН РЕСПУБЛИКАСИ ОЛИЙ ВА ЎРТА МАХСУС ТАЪЛИМ ВАЗИРЛИГИ**

**САМАРҚАНД ДАВЛАТ УНИВЕРСИТЕТИ**

Рўйхатга олинди:
№ БД–60230100–1.20
2021 йил “27” август

“ТАСДИҚЛАЙМАН”
Р.И.Халмурадов
____________
202__ йил “___” ______

# АДАБИЁТ НАЗАРИЯСИ
**фанидан**
# ФАН ДАСТУРИ

| | | |
|---|---|---|
| Билим соҳаси: | 200 000 | -Гуманитар ва санъат |
| таълим соҳаси: | 230 000 | -Гуманитар фанлар |
| Таълим шўъбаси, ихтисос. | 60230100 | -Филология ва тилларни ўқитиш: тожик тили |

| Фан/Коди модул ANM2004 (бакалавриат/ магистратура) | Соли хониши 2021-2022 | Семестри 1 | ECTS-Кредитҳо 5 |
|---|---|---|---|
| Фан/ **Намуди фан: Маҷбурӣ** | **Забони таълим** Ӯзбекӣ/Тоҷикӣ | | **Ҳаҷми соатҳои ҳафтаина дарс 4** |

| | Номи фан | Машғулотҳои аудиторӣ (соат) | Таълими мустақил (соат) | Ҷамъи сарборӣ (соат) |
|---|---|---|---|---|
| 1 | **Назарияи адабиёт** | 60 | 90 | 150 |

2

**I. Мазмуни фан**

Мақсад аз омӯхтани фанни «Назарияи адабиётшиносӣ» аз ҷониби донишҷӯёни факултаҳои филологӣ иборат аз он аст, ки толибилмон бояд бо асосҳои назарии илми адабиёт шиносо гарданд, дар бораи қонуниятҳои эҷоди бадеӣ маълумот дошта, дар таҳлили асарҳои бадеӣ малакаи муайянро соҳиб бошанд.

Вазифаи фан ба мутахассисон-филологҳои тоҷик, ки дар қаламрави Ӯзбекистон бо кори тадрису тадқиқи илмӣ машғуланд, дар бораи масъалаҳои назарии илми адабиёт маълумот додан, бо афкори адабӣ-назарии мутафаккирони мумтози форсу тоҷик ва, умуман, бо марҳилаҳои ташаккул ва таҳаввули назариёти адабӣ шиносо намудан мебошад.

**II. ҚИСМАТИ АСОСИИ НАЗАРӢ (машғулотҳои маърузавӣ)**

**II.I. Ба таркиби фан мавзӯъҳои мазкур дохил мешавад:**

**Мавзӯи 1. Маълумоти умумӣ дар бораи илми адабиётшиносӣ.**

Қисматҳои асосии илми адабиётшиносӣ: таърихи адабиёт; танқиди адабӣ; назарияи адабиёт; “Муқаддимаи адабиётшиносӣ” ҳамчун фан ва мазмуну моҳияти он. Мақсад ва вазифаҳои асосии ин фан. Предмети фанни “Муқаддимаи адабиётшиносӣ”. Алоқаи фанни “Муқаддимаи адабиётшиносӣ” бо фанҳои дигар. Қисматҳои ёварии илми адабиётшиносӣ: китобшиносӣ, матншиносӣ, манбаъшиносӣ. Хусусият, мақсад ва вазифаҳои назарияи адабиёт. Алоқамандии адабиётшиносӣ (аз ҷумла назарияи адабиёт) бо илмҳои дигар. Тамаддуни чаҳонӣ ва илми адабиёт. Адабиётшиносӣ ва истиқлоли миллӣ.

**Мавзӯи 2. Сайри таърихии пайдоиш ва инкишофи илми назарияи адабиётшиносӣ.**

Дар бораи таърихи ташакули илми адабиётшиносӣ дар Юнон, Рим,

Арабистон, Мовароуннаҳр ва Хуросон, Аврупо ва Руссия. Хусусиятҳои муҳимтарин ва мазмуну мундариҷаи осори илмӣ назарии Форобӣ, Ибни Сино, Муҳаммад Родуёнӣ, Рашидуддини Ватвот, Унсурулмаолии Кайковус, Шамс Қайси Розӣ, Низомӣ Арӯзии Самарқандӣ, Насириддини Тӯсӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Алишери Навоӣ, Атоулоҳ Маҳмуди Ҳусайнӣ. Мавқеи тазкираҳо дар рушди илми адабиётшиносии форсу тоҷик. Маълумот дар бораи осори назарииётчиёни муосири форсу тоҷик. Шарҳ ва тафсири баъзе аз осори назарии асримиёнагӣ ва даврони нав.

**Мавзӯи 3. Адабиёт- як навъи санъат.**

Санъат як навъи шуури ҷамъият. Навъҳои санъат: меъморӣ, ҳайкалтарошӣ, рассомӣ, мусиқӣ, театр. Адабиёт –ҳамчун санъати сухан. Фарқи адабиёти бадеӣ аз навъҳои дигари санъат. Илм ва адабиёти бадеӣ. Ду намуди тафаккури инсон: тафаккури илмӣ ва тафаккури бадеӣ. Образ ҳамчун шакли дарккунии ҳаёт ва инъикоси фикри санъаткор. Сухан ва соҳибсухан. Каломи бадеӣ–воситаи асосӣ ва аслиҳаи якумдараҷаи суханвар.

**Мавзӯи 4. Мазмун ва шакли адабиёти бадеӣ.**

Мафҳуми фалсафии истилоҳоти мазмун ва шакл, бартарии мазмун бар шакл. Мазмуни адабиёт ва унсурҳои асосии он. Инсон – ҳадафи асосии тасвири адабиёти бадеӣ. Табиати эстетикии адабиёт ва санъат. Адабиёт ва идеали санъаткор. Вазифаи маърифатбахшӣ ва тарбиявии адабиёт. Мазмун, мавзӯъ, мундариҷа ва ғоя ҳамчун унсурҳои асосии мазмуни асари бадеӣ. Шарҳ ва тафсири ҳар як унсури мазмуни асари бадеӣ. Мавзӯъ–воситаи муҳими бо ҳақиқат пайвастани мазмуну силсилаи воқеаҳои зиндагӣ ва образҳои одамон. Роли ҷаҳонбинии нависанда дар интихоб ва ҳалли мавзӯъ. Ғоя – дили асари бадеӣ. Ғояи асари бадеӣ ва роҳҳои таҷассуми он. Моҳияти ғоя. Ғояи асар ва ҷаҳонбинии нависанда. Ғояи мусбат. Ғояи манфӣ.

Шакл–сохти ташкилии асари бадеӣ. Унсурҳои шакл–забон, услуб, образ, ҷинс, метод, жанр, санъату воситаҳои тасвири бадеӣ. Шакл ҳамчун ифодагари мазмун. Мафҳуми ягонагии шакл ва мазмуни асари бадеӣ. Таносуби шакл ва мазмун ҳамчун қонуни адабиёту санъат. Вобастагии шакл ва унсурҳои асосии он ба жанри асари бадеӣ. Унсурҳои асосии шаклии назм ва наср. Унсурҳои шаклии асари драмавӣ.

**Мавзӯи 5. Сохт ва банду басти асари бадеӣ.**

Сужет ва устухонбандӣ–воситаҳои асосии ягонагии асари бадеӣ. Сужет ва устухонбандӣ дар осори эпикӣ ва драмавӣ. Қимсатҳои асосии сужети асари бадеӣ. Сужет ва воқеа. Воқеа ва зиддият. Таносуби сужет ва зиддият. Унсурҳои асосии сюжет: экспозитсия, гиреҳбанд, рабт, нуқтаи олӣ, гиреҳкушо. Унсурҳои иловагии сужет – эпилог ва пролог.

Таърифи устухонбандӣ. Роли он дар кори мантиқан ҷо ба ҷо гузоштани қисмҳои ҷудогонаи асар ва ба ҳам муттаҳид кардани воқеаю ҳодисаҳо. Устухонбандии осори эпикӣ, лирикӣ, драмавӣ. Айният, фарқ ва тафовутҳои байни онҳо. Вобастагии устухонбандӣ ва ё банду басти асари бадӣ ба жанри асари бадеӣ.

**Мавзӯи 6. Сохт ва асосҳои шеъри тоҷикӣ.**

Мафҳумҳои шеър ва назм. Таърифи шеър. Система ва воҳидҳои сохти шеърӣ: мисраъ, байт, банд. Қофия. Аҳамияти он дар системаи маъно. Вазифаи қофия дар низоми сухан. Зулқофиятайн. Радиф. Аҳамияти фавқуллода бузурги он дар таъкиди мафҳуми марказии сухан, матлаби асосии гӯянда, низому оҳанги шеър. Радиф ва бори мантиқии он дар шеър. Шеър ва вазн. Навъҳои вазни шеъри тоҷикӣ. Вазни ҳиҷоӣ ва хусусиятҳои муҳимтарини он. Вазни арӯз ва мақоми он дар шеъри мумтозу муосири тоҷик. Арӯзи форсӣ-тоҷикӣ ва тафсири он. Вазни арӯз, таърихи пайдоиш ва тараққиёти он. Воҳиди шеър ва вазн. Тақтеъ ва ҳиҷо. Сакта. Рукнҳои асосии арӯз. Шарти ҳиҷоҳои арӯз. Баҳрҳои асосӣ ва ёварии арӯз. Шеъри матбӯъ ва маснӯъ.

**Мавзӯи 7. Воситаҳои тасвири бадеӣ.**

Санъатҳои бадеӣ ва мавқеи онҳо дар шеъри форсӣ тоҷикӣ. ***Санъатҳои бадеии маънавӣ.*** Ташбеҳ, маҷоз, рамз, киноя, истиора, муболиға, тавсиф, сифатчинӣ, таҷнис, тазод ва муқобала, тафсир, санъати шумур, суолу ҷавоб, таҷоҳули ориф, киноя ва таъриз, талмеҳ, ташхис, ирсоли масал, тазмин, матлаъ, мақтаъ, моддаи таърих, муаммо, чистон ё луғз, таҷнис иҳом ва ғайра. ***Санъатҳои лафзӣ.*** Таҷнис, тарсеъ, муламмаъ, мувашшаҳ, титол ва ё татол, такрир, акс ва ҳ.к.

**Мавзӯи 8. Образ ва образнокӣ–қонуни адабиёт.**

Адабиёти бадеӣ–тарзи тасвири образноки ҳаёти воқеӣ. Мафҳуми образ ва образнокӣ. Таърифи образ. Конкретонидан ва умумият додан – шарти образи бадеӣ. Воқеият – заминаи образи бадеӣ. Роли тахайюл дар офариниши образ. Андешаҳои Ибни Сино дар бораи тахайюл ва аҳамияти он. Арзишҳои образ. Мафҳуми муҳокот дар илми адабиётшиносӣ ва ҷаробати он ба образу образнокӣ. Таносуби ҳақиқати воқеӣ ва ҳақиқати бадеӣ дар инъикоси образ ва умуман адабиёт. Роҳҳои эҷоди образ ва характери гуногуни он дар жанрҳои адабӣ. Персонаж, характер, тип, қаҳрамон. Қаҳрамони асари бадеӣ. Қаҳрамони лирикӣ ва шахси шоир. Образ ва образнокӣ дар лирика ва хамоса.

**Мавзӯи 9. Типиконидан – қонуни умумии адабиёт ва санъат.**

Типикунонӣ ва типи адабӣ. Рол ва аҳамияти онҳо. Тавассути типҳо зуҳур кардани қонунияти ҳаёт дар адабиёти бадеӣ. Ҷамъбасти бадеӣ – усули асосии типсозӣ. Прототип ва роли он дар офаридани образҳои типӣ. Тахайюли бадеӣ

| | |
|---|---|
| | ва ҷаҳонбинии нависанда. Вазъиятҳои типӣ ва характерҳои типӣ. Маҳорати нависанда дар офаридани образҳои типӣ. Образҳои типӣ дар адабиёти тоҷик хусусиятҳои муҳимтарини онҳо.<br>**Мавзӯи 10. Забони адабиёти бадеӣ.**<br>Мафҳуми забони адабиёти бадеӣ. Забон – асос ва лавозимоти ҳатмии адабиёти бадеӣ. Забони гуфтугӯӣ, забони адабӣ ва фарқи онҳо. Назар ба онҳо васеъ будани забони адабиёти бадеӣ. Ба образ, характер, воқеа, мавзӯъ, ҷинс, жанр, метод, завқи эстетикии адиб ва дараҷаи инкишофи ҳаёти иҷтимоӣ вобаста будани забони адабиёти бадеӣ. Ду роҳи истифодаи забон дар адабиёти бадеӣ: сухани тафсилии нависанда ва сухани персонаж. Хусусиятҳои ба худ хоси онҳо. Роли нависанда дар инкишоф ва такомули забони адабӣ. Восита ва тарзҳои баён: муродиф, таҷнис, тазод. Роли онҳо дар адабиёти бадеӣ. Унсурҳои лексикии забон. Воситаҳои тасвири бадеӣ.<br>**Мавзӯи 11. Ҷинси хамоса (эпикӣ) ва жанрҳои он.**<br>Маълумот дар бораи жанрҳои хурди хамосавӣ; латифа, афсона, тамсил, баллада, ривоят, новелла, очерк, ҳикоя. Жанрҳои миёнаи хамосавӣ; қисса (повест), достони хамосавӣ. Жанрҳои мӯҳташами хамосавӣ; роман, роман эпопия. Сохт ва структураи асарҳои эпикӣ. Сайри таърихии таҳаввули жанрҳои эпикӣ дар адабиёти форсу тоҷик.<br>**Мавзӯи 12. Қонунияти ҷинси лирика ва жанрҳои он.**<br>Махсусияти ин ҷинс дар предмети тасвир, воситаҳои баён, забону услуб, образ, ғоя ва амсоли инҳо. Қаҳрамони лирикӣ ва шахсияти шоир. Характер дар лирика. Хусусияти муҳимтарини жанрҳои лирикӣ. Маълумот дар бораи жанрҳои; фард, дубайтӣ, рубоӣ, қитъа, ғазал, қасида, маснавӣ, навъҳои мусаммат (мусаллас, мураббаъ, мухаммас, мусаддас, мусаббаъ, мусанно, мустасаъ, муашшар), мустазод, тарҷеъот; таркиббанд ва тарҷеъбанд. Шеъри озод, шеъри нимоӣ, шеъри сафед. Сохт ва структураи жанрҳои лирикӣ. Сайри таърихии таҳаввули жанрҳои лирикӣ дар адабиёти форсу тоҷик.<br>**Мавзӯи 13. Қонунияти ҷинси драма ва жанрҳои он**.<br>Драма ва таърихи пайдоиши асарҳои драмавӣ. Хусусияти муҳимтарини жанрҳои драмавӣ. Қонуният ва хусусиятҳои ҷинси драма. Саҳнавияти драма ва махсусиятҳои он. Масъалаҳои амалу воқеа, сужету зиддият, образу характер, замону макон, забон ва ғайра дар ин ҷинс. Жанрҳои асосӣ ва деринаи драма. Мазҳака, фоҷеа ва дром. Навъҳои дигари асарҳои драмавӣ. Мелодрама ва водивел.<br>**III. Тавсия ва нишондодҳо оиди машғулоти амалӣ**<br>Мавзӯъҳои машғулоти амалӣ аз рӯи фанни мазкур дар қарори зайл аст:<br>1. Омилҳои асосии пайдоиши афкори адабиётшиносӣ дар мамолики |

| | |
|---|---|
| | Шарқ.<br>2. Равияҳои адабии эстетикӣ ва хоси назарии адабӣ дар даврони қадим.<br>3. Масъалаҳои эҷоди бадеӣ, маҳорат, ҳунар, тахайюл, услуб, шеъру шоирӣ дар «Қуръон»-и Мачид ва ҳадисҳои Муҳаммад (с).<br>4. Муайян намудани мавзӯъ ва ғояи асари бадеӣ (Дар асоси қисса ва ҳикоёти ҳаҷман хурд).<br>5. Шахси шоир ва қаҳрамони лирикӣ. Мафҳуми шахс ва қаробати он ба қаҳрамони лирикӣ.<br>6. Муайян кардани тарзи устухонбандӣ ва сужети асари бадеӣ. (Дар асоси қисса ва ҳикоёти ҳаҷман хурд).<br>7. Воситаҳои тасвири бадеӣ ва санъатҳои шеърӣ дар назми форсу тоҷик.<br>8. Повест, достон, роман. (Таҳлили мазмунӣ ва мундариҷавию сохтории ин навъи осор)<br>9. Очерк, сафарнома, ёддошт. (Таҳлили хусусиятҳои жанрии ин анвои жанрҳои адабӣ дар мисоли адабиёти форсу тоҷик)<br>10. Драма ва жанри маъруфи он – фоҷиа ва мазҳака. (Аз таърихи драматургияи миллӣ ва ташкааули он, таҳлили осори фоҷеавӣ ва мазҳакавӣ)<br>11. Мазҳака, драма ва жанрҳои нисбатан нави драмавӣ дар адабиёти тоҷик.<br>12. Ҷинси лирикӣ ва жанрҳои маъмули он. (Ташаккул ва таҳаввули жанрҳои лирикӣ дар таърихи адабиёти форсу тоҷик)<br>13. Ғазал ва таҳаввули он дар адабиёти форсу тоҷик.<br>14. Қитъа, қасида ва мусаммат. (Пайдоиш ва марҳилаҳои ташаккули жанрҳои мазкур.)<br>15. Тарҷеъот, маснавӣ, мустазод. (Пайдоиш ва марҳилаҳои ташаккулу таҳаввули жанрҳои мазкур.)<br>16. Достон ва маснавӣ ҳамчун жанрҳои адабӣ; таърихи пайдоиш ва таҳавули ин жанрҳои адабӣ.<br>17. Масъалаҳои санъатҳои бадеӣ, арӯз ва қофия дар асарҳои назарии мутафаккирони мумтози тоҷику форс. (Таҳлил ва баррасии ашъори шоирони мумтози форсу тоҷик дар асоси масоили мутазаккира)<br>18. Образи бадеӣ ва роҳҳои офариниши он.<br>19. Шеъри арузӣ ва хусусиятҳои он. Баҳрҳои асосии арӯз ва татбиқи он дар шеъри мумтоз ва муосир.<br>20. Ҷинси эпикӣ ва гурҳи хурди жанрҳои он. (Пайдоиш ва таҳаввули жанрҳои ҳикоя, очерк, новелла,тамсил, қисса, роман)<br>Машғулотҳои амалӣ дар аудиторияи бо воситаҳои мултимедӣ |

| | |
|---|---|
| | ҷиҳозноккунонидашуда ба як гурӯҳи академикӣ аз тарафи як муаллим бояд гузаронида шавад. Машғулотҳоро бо ёрдами усули фаъол ва интерфактив ба роҳ мондан, инчунин аз технологияҳои педагогӣ ва ахборотӣ самаранок истифода намудан ба мақсад мувофиқ аст.<br>**IV. Таълими мустақилона ва корҳои мустақилона**<br>Аз рӯи фанни мазкур мавзӯъҳои зерин пешниҳод карда мешавад:<br>1. Таҳаввули жанри ғазал дар адабиёти форсу тоҷик.<br>2. Таҳаввули жанри қасида дар адабиёти тоҷик.<br>3. Ташаккул ва таҳаввули жанри маснавӣ дар адабиёти форсу тоҷик.<br>4. Таҳаввули анвои жанри мусаммат (мухаммас ва мустазод) дар адабиёти форсу тоҷик.<br>5. Рубоӣ ва хусусиятҳои муҳимтарини он дар адабиёти форсу тоҷик.<br>6. Тадқиқотҳои Раҳим Мусулмонқулов оиди илми назарияи адабиётшиносӣ.<br>7. Тадқиқотҳои Баҳром Сирӯс оиди назарияи қофия.<br>8. Юрий Бобоев ва инкишофи илми адабиётшиносӣ.<br>9. Аз таърихи пайдоиши драматургияи миллӣ.<br>10. Тимсолҳои шеърӣ ва таҳлили бадеию мазмунии он.<br>11. Мақоми жанри ғазал дар шеъри асри XX.<br>12. Санъатҳои шеърӣ дар назми Мӯъмин Қаноат<br>13. Андешаҳои Ибни Сино дар бораи тахайюли эҷоди бадеӣ.<br>14. Арзиши илмӣ ва бадеии ҳикояҳо дар бораи шоирон дар «Чаҳор мақола»-и Низомии Арӯзй.<br>15. Назарияи шеър дар осори шеършиносони асри XII (Низомии Арӯзй, Муҳаммади Авфй, Шамс Қайси Розй).<br>16. Абдураҳмони Ҷомӣ дар бораи шеъру шоирӣ.<br>17. Жанри тазкира дар адабиёти форсу тоҷик.<br>18. Жанри марсия дар адабиёти форсу тоҷик.<br>19. Насри ривоятӣ дар адабиёти форсу тоҷик ва мавқеи он дар ташаккули насри бадеии даврони нав.<br>20. Санъати саҷъ дар осори насрии адабиёти форсу тоҷик ва хусусиятҳои муҳимтарини он.<br>21. Жанри очерк дарадабиёти навини тоҷик ва омилҳои асосии ташакули он.<br>22. Латифа ва шаклгирии он дар адабиёти форсу тоҷик.<br>23. Аз таърихи таҳаввул ва ташаккули мувашшаҳнависӣ дар адабиёти форсу тоҷик.<br>24. Муламмаъ ва таҳаввули он дар адабиёти форсу тоҷик. |

| | |
|---|---|
| | 25. Масъалаи пайравӣ ва назира ва тақлид дар адабиёти форсу тоҷик.<br>26. Қасида ва анвои он дар адабиёти навини тоҷик.<br>27. Фард ва фардбайтҳо дар адабиёти форсу тоҷик: хусусияти жанрӣ, мазмунӣ, мундариҷавӣ, ғоявии онҳо.<br>28. Дубайтӣ, рубоӣ, мураббаъ дар адабиёти форсу тоҷик. Хусусиятҳои муҳимтарини онҳо.<br>29. “Тарҷумон-ул-балоға...”-и Муҳаммад Родуёнӣ ва хусусиятҳои муҳимтарини он.<br>30. “Ҳадоиқ-ус-сеҳр ва дақоиқ-уш-шеър”–и Рашидуддини Ватвот ва мазмуну мундариҷаи он.<br>31. “Чаҳор мақола”-и Низомӣ Арӯзии Самарқандӣ ва масъалаҳои шеъру шоирӣ.<br>32. “Меъёр-ул-ашъор”–и Насириддини Тӯсӣ ва хусусиятҳои муҳимтарини он.<br>33. Вобастагии фанни назарияи адабиёт бо таърихи адабиёт.<br>34. Тазкираи “Музаккир–ул-асҳоб”–и Малеҳои Самарқандӣ ва арзиши илмӣ-таърихии он.<br>35. Санъати ташхис ва корбасти он дар ашъори шоирони адабиёти асри X.<br>36. Санъати талмеҳ ва татбиқи он дар ашъори шоирони асри XI-XII.<br>37. Санъати таҷнис ва корбасти он дар ашъори шоирони мумтози форсу тоҷик.<br>38. Санъати ирсоли масал дар ашъори шоирони сабки бедилӣ.<br>39. Истиора ва маҷоз ҳамчун санъатҳои муҳимтарини маънавӣ дар шеъру шоирӣ.<br>Аз рӯи мавзӯъҳои мустақилона ба донишҷӯён навиштани реферат ва гузаронидани тақдимот тавсия карда мешавад. |
| 3 | **V. Натиҷаҳои омӯзонидани фан (компетенцияҳои ташаккулёбанда)**<br>Донишҷӯ дар натиҷаи азхудкунии фан:<br>• дар ҷараёни таълими фан бояд дар бораи адабиётшиносӣ ва қисматҳои он маълумот пайдо намуда, бобати мақоми назарияи адабиёт дар ҳайъати илмҳои адабиётшиносӣ ва робитаи он бо тамаддуни ҷаҳонӣ дарк намоянд, моҳияти афкори назарии адабии мутафаккирони Шарқро дар ташаккули назариёти адабӣ ва маънавияти хонандагон фаҳманд, мақоми асарҳои бадеии аз ҷиҳати назарӣ баркамолро дар тарбияи инсони комил муайян кунанд, ва дар бораи қонун ва қоидаҳои ташаккули илми назарияи адабиёт, як навъи санъат будани адабиёт ва вобаста будани тамоми ҷиҳатҳои он бо мундаричаю шакли адабиёти бадеӣ; қонуни умумии адабиёту санъат будани типикунонидан ва мавқеи калон доштани масъалаҳои назарии |

| | |
|---|---|
| | мавзӯъ ва ғоя, образу образнокӣ, сужету устухонбандӣ, забони адабиёти бадеӣ, вазну сохти шеъри тоҷикӣ дар сохтори афкори адабии назарӣ ба ***тасаввурот ва дониш соҳиб бошад;***<br>• Дар бораи муайян кардани масъалаҳои асосии назарияи адабиёт дар осори бадеӣ, унсурҳои шаклию мазмунии он, қонуниятҳои назарӣ ва сохтории асарҳои бадеӣ, дарёфти санъатҳои бадеӣ, муайян кардани устухонбандӣ ва хати сужети асари бадеӣ, муайян кардани вазни шеър ва равияҳои адабӣ, методҳои эҷоди бадеӣ ва ғайраҳоро донанд ва ***ба маҳорати аз онҳо истифода намудан соҳиб бошад;***<br>• Бобати ба тариқи мустақилона доир ба масъалаҳои назарии адабиёт тадқиқотҳои муайян бурдан, иҷрои корҳои мустақилона аз рӯи масъалаҳои мухталифи назарияи адабиёт, дарёфти санъатҳои бадеии маънавию маънавӣ дар шеър, муайян кардани вазн ва сохтори асраҳои назмй, муайян кардани равия ва услубҳои эҷодӣ, муайян кардани сабки нигориши осори адабии мумтозу муосир ба ***малакаи муайян соҳиб бошад.*** |
| 4 | **VI.** Методҳо ва технологияҳои таълим:<br>• маърузаҳо<br>• кейс-стадиҳои интерфаъол;<br>• семинар (мантиқан фикр кардан, саволу ҷавоби тезкор);<br>• машғулоти амалӣ;<br>• бо гурӯҳҳо кор кардан;<br>• тақдимот намудан;<br>• лоиҳаҳои индивидуалӣ;<br>• ассисментҳо;<br>• лоиҳаҳо барои ҳимоя кардан ва бо ҷамоа кор кардан. |
| 5 | **VII. Талабот барои гирифтани кредитҳо:**<br>Пурра аз худ намудани мафҳумҳои назарӣ ва амалии фан, дуруст баррасӣ намудани натиҷаҳои таҳлил, иҷро намудани супориш ва вазифаҳо дар шаклҳои назорати ҷорӣ, марравӣ ва мушоҳидаҳои мустақилона доир ба ҷараёни омӯзиш, аз рӯи назорати ниҳоӣ супоридани кори хаттӣ. |
| 6 | **Адабиётҳои асосӣ**<br>1. Мусулмониён Р. Назарияи адабиёт. – Душанбе: Маориф, 1990. – 336с.<br>2. Самадов А. Муқаддимаи адабиётшиносӣ. – Самарқанд: нашри Университети давлатии Самарқанд, 2000- 106 с.<br>3. Султон И. Адабиёт назарияси. – Тошкент: Ўқитувчи, 1980.<br>4. Умуров Х. Адабиёт назарияси: Ўқув қўлланма. – Самарқанд: СамДУ нашри, 2001. |

| | |
|---|---|
| | **Адабиёти иловагӣ**<br>1. Мирзиёев Ш.М. Эркин ва фаровон демократик Ўзбекистон давлатини биргаликда барпо этамиз. Тошкент, “Ўзбекистон” НМИУ, 2017. – 29 б.<br>2. Мирзиёев Ш.М. Қонун устуворлиги ва инсон манфаатларини таъминлаш юрт тараққиёти ва халқ фаровонлигининг гарови. “Ўзбекистон” НМИУ, 2017. – 47 б.<br>3. Мирзиёев Ш.М. Буюк келажагимизни мард ва олижаноб халқимиз билан бирга қурамиз. “Ўзбекистон” НМИУ, 2017. – 485 б.<br>4. Ўзбекистон Республикаси Президентининг 2017 йил 7 февралдаги “Ўзбекистон Республикасини янада ривожлантириш бўйича ҳаракатлар стратегияси тўғрисида” ги ПФ-4947-сонли Фармони. Ўзбекистон Республикаси қонун ҳужжатлари тўплами, 2017 й., 6-сон, 70-модда<br>5. Акбаров Ю. Композитсия ва сужети асари бадеӣ. – Душанбе: Ирфон, 1976. – 23с.<br>6. Аристотел, Форобй, Ибни Сино, Ибни Рушд, Насириддини Тӯсӣ. Фанни шеър. Доир ба санъатҳои шеърӣ (танзим, тасҳеҳ ва тавзеҳоти Ш.Ҳусейнзода, Х.Шарипов). – Душанбе: Ирфон, 1985 – 192с.<br>7. Самадов А. Тавсияҳои методӣ аз фанни «Муқаддимаи адабиётшиносӣ».- Самарқанд: нашри Университети давлатии Самарқанд, 1987.- саҳ. 46<br>8. Бахтин М.М. Эстетика словесного творчество. 2-ое изд. – Москва: Искусство, 1986. – 444с.<br>9. Баҳор М. Сабкшиносӣ ё таърихи татаввури насри форсӣ. Дар се мучаллад. – Теҳрон. – 1337-1339.<br>10. Худойдодов Б. Тип ва типикунонӣ дар эҷодиёти бадеӣ. – Душанбе: Ирфон, 1976. – 24с.<br>11. Шарифов Х. Каломи бадеъ. – Душанбе: Маориф, 1991. – 160с.<br>12. Шодиқулов Ҳ. Реализи танқидӣ – Душанбе: Ирфон, 1975. – 24с.<br>13. Шукуров М., Акбаров Ю. Анъана ва навоварӣ. – Душанбе: Ирфон, 1976. – 36с.<br>14. Табаров С. Методи таҳлили асари бадеӣ. – Душанбе: Дониш, 1992. – 148с.<br>15. Хализев В.Е. Теория литературы. Изд. второе. – Москва: Высшая школа, 2000. – 398с.<br>16. Paul H.Fry. Theory of literature. Yale university press. USA, 2012. ISBN: 9780300183368<br>17. Томашевский Б.В. Теория литературы. Поэтика: Учеб. пособие/Вступ. статья Н.Д. Тамарченко; Комм. С.Н. Бройтмана при участии Н.Д. Тамарченко. – М.: Аспект Пресс, 1999.–334с. |

18.Мусулмонқулов Р. Асрори сухан. Душанбе: Ирфон, 1980, - 152с.
19.Мусулмонқулов Р. Анъана ва навоварӣ. – Душанбе:нашри УДТ, 1985. – 116с.
20.Орзибеков Р. Ўзбек лирик поэзиясида ғазал ва мусаммат. – Тошкент: Фан, 1976.
21.Поспелов Г.Н. Теория литературы. – Москва: Высшая школа, 1978. – 144с.
22.Сирус Б. Назарияи нави қофиябандӣ дар назми тоҷик. – Душанбе: Ирфон, 1972. –47с.
23.Сирус Б. Арўзи тоҷикӣ. – Душанбе: Нашрдавтоҷик, 1963. – 287с.
24.Бобоев Ю. Назарияи адабиёт. Қисми 1. Муқаддимаи адабиётшиносӣ. – Душанбе: Маориф, 1987. – 328с.
25.Давронов С. Сохти шеъри тоҷикӣ. – Душанбе: Ирфон, 1976. – 28с.
26.Давронов С. Омўзиши вазни шеъри тоҷикӣ. – Душанбе: Маориф, 1992. – 176с.
27.Зеҳнӣ Т. Санъати сухан. – Душанбе: Маориф, 1992. – 304с.
28.Худойбердиев Э. Адабиётшуносликка кириш. – Тошкент: Ўқитувчи, 1995.
29.Атоуллоҳи Ҳусайнӣ. Бадоеъ-ус-саноеъ (Бо сарсухан, таҳрир ва тавзеҳи Р.Мусулмонкулов). – Душанбе: Ирфон, 1974. – 224с.
30.Мирзозода Х. Луғати мухтасари истилоҳоти адабиётшиносӣ. – Душанбе. Маориф, 1992. – 240с.
31.Мунтахаби «Тарчумон-ул-балоға» ва «Ҳадоиқ-ус-сеҳр» (таҳияи матн, муқаддима ва тавзеҳоти Х.Шарифов). –Душанбе: Маориф, 1987. – 144с.
32.Насириддини Тўсӣ. Меъёр-ул-ашъор (Таҳияи У. Тоир, М.Абдуллоев, Р.Чалол). – Душанбе: Ориёно, 1992. – 152с.
33.Низомии Арўзии Самарқандӣ. Чаҳор мақола (Мураттиб, муаллифони сарсухан ва ҳозиркунандагони чоп Х.Шарипов, У.Тоиров). – Душанбе: Ирфон, 1986. – 159с.
34.Шамси Қайси Розй. Ал-мўъчам-фй маъойири ашъор-ил-Ачам (Муаллифи сарсухану тавзеҳот ва ҳозиркунандаи чоп У.Тоиров). – Душанбе: Адиб, 1991. – 464с.
35.Шукуров М. Паҳлўҳои тадқиқи бадеӣ. – Душанбе: Ирфон, 1976. – 224с.
36.Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик, ч.1. – Душанбе: Сарредаксияи илмии энсиклопедияи тоҷик, 1988. – 545с.
37.Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик, ч.2. – Душанбе: Сарредаксияи илмии энсиклопедияи тоҷик, 1989. – 560с.
38.Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик, ч.3. – Душанбе: Сарредаксияи

| | |
|---|---|
| | илмии энсиклопедияи тоҷик, 2004. – 520с.<br>39.Ҳодизода Р., Шукуров М., Абдучабборов Т. Фарҳанги истилоҳоти адабиётшиносӣ. – Душанбе: Ирфон, 1966. – 188с.<br>40.Ҳотамов Н., Саримсоқов Б. Адабиётшунослик терминларининг русча-ўзбекча изоҳли луғати. – Тошкент: Ўқитувчи, 1983.<br>41.Қуронов Д., Мамажонов З.,Шералиева М. Адабиётшунослик луғати. (Қайта нашр). – Тошкент: Академнашр, 2013. 406 бет.<br>**Манбаъҳои ахборӣ:**<br>1. www.ZiyoNet.uz<br>1. www.wekopedia.tj<br>2. images.yandex.ru›Абдурауф Фитрат<br>3. tg.wikipedia.org› Садриддин Айнӣ<br>4. omuzgor.my1.ru›load…tochiki/adabijoti_tochik…pdf… |
| 7 | Дастури фан ____________ соли 2021 таҳти баённомаи рақами ___ дар шӯъбаи таълимӣ-услубии Донишгоҳи давлатии Самарқанд маъқул шудааст. |
| 8 | **Масъулон ба фан/модул:**<br>**А.А.Шерназаров** – доктори фалсафа (PhD), дотсенти кафедраи филологияи тоҷик ва забонҳои шарқи хориҷаи ДДС |
| 9 | **Муқарризон:**<br>Д.Ҳазратқулиён - номзади фанҳои филологӣ, дотсенти кафедраи филологияи тоҷик ва забонҳои шарқи хориҷаи ДДС<br>Д.Бабаева - номзади фанҳои филологӣ, дотсенти ДТС |

**Кафедра мудири:** *Ч. Хамроев* **проф. Ч.Ҳамроев**

**Кенгаш раиси:** ________ **проф. А.Пардаев**

**"Тасдиқлайман"**
**СамДУ ўқув ишлари бўйича проректори:**
________ **А.С.Солеев**
«*24*» *август* **2021 йил**